Конституция - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 103 (4843) | ДУШАНБЕ, 26 АВГУСТИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

13 августи соли 2024, зимни баргузории Иҷлоси 78-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид қатъномаи ҷадиде таҳти унвони «Даҳсолаи амал барои илмҳои криосфера, солҳои 2025-2034» бо иттифоқи оро қабул гардид, ки боиси ифтихор ва сарфарозии навбатии ҳар як сокини Тоҷикистони азиз аст, зеро даҳсолаи мазкур ташаббуси шашуми ҷаҳонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Фаронса пешбарӣ гардидааст.





НУФУЗИ ТОҶИКИСТОН БОЗ ЯК ЗИНА БОЛО РАФТ

Дар заминаи 1,5°С афзудани ҳарорати ҳавои наздизаминӣ, яъне гармшавии глобалии иқлим, олимону коршиносон пешгӯӣ мекунанд, ки ҳадди ақал нисфи пиряхҳои имрӯза то соли 2100 аз байн мераванд. Аз соли 1990 инҷониб дар лавҳаи азими яхбандии Гренландия 4,890 млрд. тонна (Гт) ва солҳои 1992-2020 дар майдони бузурги яхистони Антарктика 2,670 Гт об шудани ях далели бармалои суръати коҳишёбии пиряхҳо дар навҳои қутбии сайёраи Замин аст. Бо чунин суръат обшавии пиряхҳо дар манотиқи Арктика ва Антарктика, ки тӯли 30 сол 4 маротиба афзудааст, пайомадҳои ногувор дорад. Гузориши махсуси Гурӯҳи коршиносони байниҳукуматӣ оид ба тағйирёбии иқлим (ГКБТИ) оид ба уқёнус ва криосфера дар раванди тағйирёбии иқлим (соли 2019), гузоришҳои ГКБТИ дар соли 2021 (асосҳои илмии физикӣ) ва 2022 (таъсирот, мутобиқшавӣ ва осебпазирӣ) ҷомеаи ҷаҳониро водор менамояд, ки дар бораи босуръат обшавии пиряхҳо ва камшавии яхбандиҳои доимӣ тадбирҳои саривақтӣ андешад.

Бояд гуфт, ки тағйирёбии иқлим дар криосфера дар сатҳҳои маҳаллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ пайомадҳои манфии экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дорад ва сабаби асосии он, пеш аз ҳама, фаъолият ва таъсири бевоситаи инсон дар берун аз ин минтақаҳо мебошад. Тағйироти мазкур метавонад барои экосистемаҳо ва одамон оқибати бебозгашт дошта бошад ва ба амнияти обию озуқавории беш аз 2 миллиард аҳолӣ таъсири бевосита расонад. Зиёда аз ин, коҳишёбии ҷузъҳои ҷудогонаи криосфера, бахусус пиряхҳову яхбандиҳо дар Гренландия ва Антарктида, барои 50% баланд шудани сатҳи баҳрҳо ва доман густурдани гармшавӣ дар уқёнусҳо низ оварда мерасонад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар ҷаласаи ифтитоҳии Конфронси сеюми байналмилалӣ оид ба татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» иброз намуданд, ки «бо мақсади таҳқиқоти минбаъдаи ин масъалаи муҳим мо якҷо бо шарикони худ тасмим гирифтем, ки лоиҳаи қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба эълони Даҳсолаи илмҳои қутбиноси ва яхшиносиро пешбарӣ намоем». Аз ин рӯ, ҷомеаи ҷаҳониро зарур аст, ки кӯшишҳо ва ҳамкориҳои муштаракро ҷиҳати омӯзишу пажӯҳиши навҳои қутбӣ ва пиряхҳои онҳо бештару мунтазам гардонад, то ба ин буҳрони дарпешистода мубориза барад. Барои ин, зарурати дарёфт намудани имконоти нав оид ба мустаҳкам гардонидани ҷамъияти илмӣ ва вусъат бахшидани тадқиқоти илмӣ аҳамияти бағоят бузург дорад.

Мавриди зикр аст, ки барои ҳалли мушкилоти марбут ба криосфера солҳои байналмилалии қутбӣ (соли якуми байналмилалии қутбӣ 1882-1883; соли дуюми байналмилалии қутбӣ 1932-1933, соли сеюми байналмилалии қутбӣ 1957-1958 ва соли чоруми байналмилалии қутбӣ 2007-2008) муайян гардида, як қатор корҳои илмӣ ба анҷом расонида шудаанд. Ҳамчунин, пас аз анҷоми соли чоруми байналмилалии қутбӣ ва гузаронидани тадқиқот оид ба иқлим, атмосфера, уқёнус ва масоили марбут ба биосфераю экологияи ноҳияҳои қутбӣ пешниҳод гардид, ки соли 2012 ва сипас, соли 2015 даҳсолаи байналмилалии қутбӣ баргузор шавад. Вале Созмони ҷаҳонии обуҳавошиносӣ (СҶО) дар ҳар ду маврид ҳам пешниҳоди мазкурро рад намуд. Маҳз, бо пешниҳоди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун Сарвари хирадманду дурандеш ва ташаббускори масоили ҷаҳонии обу иқлим, аҳамияти умумисайёравию умумиинсонӣ доштани улуми қутбиноси ва яхшиносӣ ба маъраз гузошта шуд.

Дар меҳвари ин ташаббус, қабл аз ҳама, ноил шудан ба баланд бардоштани сатҳи амнияти дар фазои қутбӣ, танзими боркашонӣ тавассути Арктика, рушди туризм дар навҳои қутбӣ, дастгирии омӯзишу пажӯҳиш оид ба пиряхҳо ва қутбҳо, пурзӯр намудани ҳифзи ҳудудҳои муҳофизатшавандаи баҳр, таҳияи барномаҳои тадқиқотӣ бо иштироки ҷомеаҳои маҳаллӣ ва ғайра қарор дорад, ки барои расидан ба ҳадафҳо ва мақсади гузошташуда бавосита мусоидат менамояд.

Дар қатъномаи «Даҳсолаи амал барои илмҳои криосфера, солҳои 2025-2034» даъват ба амал оварда шудааст, ки дар ҳама сатҳҳо тавассути пешбурди фаъолияте, ки ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар бораи даҳсола ва аҳамияти пиряхҳо, барф ва ях дар низоми иқлим ва давраи гидрологӣ, инчунин, таъсири иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии он ва тағйирот дар криосфера мусоидат менамоянд, табодули таҷриба намоянд.

Ҳамзамон, дар он бо такя ба қатъномаи Маҷмаи умумии СММ таҳти унвони «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, 2025», ки қаблан бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабул гардида буд, аз ҳукуматҳо, ташкилотҳои байниҳукуматию ғайриҳукуматӣ, дигар ҷонибҳои манфиатдор ва шарикони рушд таҳқозо шудааст ба Фонди байналмилалии мақсаднок оид ба ҳифзи пиряхҳо, ки аз ҷониби Дабири кулли СММ дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои дахлдори он, аз ҷумла ЮНЕСКО ва СҶО, мудирият мешавад, саҳмгузор бошанд.

Дар ин қатънома аҳамияти ташаббусҳои марбут ба криосфера барои ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор ва татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» дарҷ ёфта, аз ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Конфронси байналмилалӣ бахшида ба ҳифзи пиряхҳо дар Душанбе дар соли 2025 истиқбол шудааст.

Тавре зикр гардид, ташаббуси қабули қатъномаи «Даҳсолаи амал барои илмҳои криосфера, солҳои 2025-2034» аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни баргузории Конфронси сеюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» (Душанбе, 11 июни соли 2024) пешниҳод гардида, Пешвои миллат аз кишварҳои аъзои СММ даъват ба амал оварданд, то аз иқдоми мазкур пуштибонӣ намоянд. Ин даъват ҳамаҷониба ҳамовозӣ пайдо намуда, Австралия, Белгия, Булғория, Чили, Кипр, Хорватия, Фаронса, Олмон, Италия, Ҷопон, Марокаш, Мозамбик, Нидерланд, Покистон, Перу, Сингапур, Кореяи Ҷанубӣ, Испания, Швейтсария, Британия, Уругвай ва ғайра ба он ҳамроҳ гардиданд. Пешбарии ин ташаббус яке аз натиҷаҳои Нишасти қутбии «Як сайёра» (Париж, 8 ноябри соли 2023) низ ба ҳисоб меравад. Зимни баргузории Нишасти қутбии «Як сайёра» даъват шуд, ки ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати коҳиши партовҳои газҳои гулхонай, таҳвият бахшидани тадқиқоти илмӣ дар криосфера ва вусъат додани ҳамгироии беҳтари оқибатҳои коҳишёбии криосфера дар таҳияи сиёсатҳо бештару беҳтар гардонида шаванд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки давоми 40 соли охир ҳарорат дар Арктика аз қимати миёнаи ҷаҳонӣ 4 маротиба бештар афзуда, дар тӯли 45 соли охир яхҳои баҳрии ин минтақа бо суръати баланд коҳиш меёбанд ва дар моҳи сентябри соли 2023 ба ҳадди панҷумин пасттарини яхбандӣ расидааст. Дар Уқёнуси ҷанубӣ (Антарктида) бошад, моҳи феврали соли 2023 хурдтарин қимати яхбандӣ ба қайд гирифта шуд, ки то ин давра мушоҳида нагардида буд.

Маҳз, бо назардошти буҳрони амиқи глятсиологӣ ва криосферӣ СММ ташаббуси навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Даҳсолаи илмҳои қутбиноси ва яхшиносӣ»-ро комилан ҷонибдорӣ намуд. «Даҳсолаи амал барои илмҳои криосфера, солҳои 2025-2034» аз соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» оғоз гардида, дар доираи он Соли панҷуми байналмилалии қутбӣ (2032-2033) гузаронида мешавад, ки он бо ЮНЕСКО, СҶО, Кумитаи байналмилалии илмии Арктика, Кумитаи илмӣ оид ба тадқиқоти Антарктика, Шурои байналмилалии илм ва дигар созмонҳои байналмилалии қутбшиносӣ ва илмӣ ҳамоҳанг шудааст. Ҳамчунин, даҳсолаи мазкур барои Даҳсолаи СММ оид ба уқёнусшиносӣ барои рушди устувор (солҳои 2021-2030), ки ҳоло идома дорад, захираҳои бисёрҷонибаи тадқиқотиро фароҳам меорад.

Ҳамин тавр, бо қабули ташаббуси шашуми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон - «Даҳсолаи амал барои илмҳои криосфера, солҳои 2025-2034» нақши боризи Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ҳалли масоили обу иқлим, аз ҷумла ҳифзи пиряхҳо, дар сатҳи ҷаҳонӣ бори дигар собит гардид.

Номвар ҚУРБОН,
муовини директор оид ба илм ва таълими Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои техникӣ, дотсент

Алишер МИРЗОНАБОТ: «МАРҲИЛАИ НАВИ РУШДИ ВМКБ ШУРӮЪ ГАРДИД»

Алишер Мирзонабот, раиси ВМКБ, зимни нишасти матбуотӣ иброз дошт, ки маҳз ба шарофати пуштибонии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муяссар гардид, ки дар нимсолаи аввали соли 2024 рушди босуботи иқтисодию иҷтимоии вилоят пурра таъмин шаваду бунёдкорӣ вусъат пайдо намояд.

Ба иттилои раиси вилоят дар ин давра нақшаи қисми даромади буҷет 104,8 фоиз иҷро гардида, музди меҳнат, нафақа ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ сари вақт пардохт шуд.

Бақияи қарзи андоз соли 2024-ум 1,6 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба моҳи январи соли равон 50,4 ҳазор сомонӣ кам мебошад. Пасандозҳои шаҳрвандон дар бонкҳо нисбат ба шаш моҳи соли 2023-юм 11,6 фоиз афзоиш ёфта, ба 423,7 млн. сомонӣ баробар гардид. Вобаста ба иҷрои Фармони Президенти ҷумҳурӣ «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» дар ВМКБ амалиёти ғайринақдӣ 97,1 млн. сомониро ташкил дод, ки дар қиёс ба шашмоҳаи аввали соли гузашта 85,4 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Дар бобати амалишавии «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ВМКБ барои солҳои 2021-2025» раиси ВМКБ иброз дошт, ки он аз 138 лоиҳа ба маблағи 4,7 миллиард сомонӣ иборат буда, аллакай 57 банди он пурра иҷро гардида, аз рӯи 37 банди дигараш корҳо бомаром идома доранд.

Дар шаш моҳи аввали соли равон дар ВМКБ 19 коргоҳу корхонаи саноатӣ ташкил гардида, то охири соли равон ифтитоҳи боз 30 корхонаю коргоҳи саноатӣ, аз ҷумла се корхонаи коркарди мева, маҳсулоти гӯштӣ, фабрикаи мурғпарварӣ, ду хоҷагии калони моҳипарварӣ, се корхонаи истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, гиёҳҳои шифобахши Бадахшон, равғани ангат, сехи макаронбарорӣ, корхонаи калони коркарди санг, дар нақша аст.

- Бо дастгирии Ҳукумати кишвар дар доираи «Барномаи электрофикатсияи деҳот» панҷ неругоҳи барқи обии хурд дар ноҳияҳои Дарвоз, Рӯшон ва Роштқалъа бо иқтидори 646 кВт, ҳафт неругоҳи офтобӣ дар ноҳияи Мурғоб бо иқтидори 5,3 мВт ва агрегати якуму дуюми НБО «Себзор»-и ноҳияи Роштқалъа мавриди баҳрабардорӣ қарор хоҳанд гирифт, - иброз намуд Алишер Мирзонабот дар нишасти матбуотӣ.

Раиси вилоят дар посух ба саволҳои журналистон вобаста ба канданиҳои фоиданоки вилоят, таҳкими инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ, мушкилоти обрасонӣ, бартарафсозии офатҳои табиӣ, ҷалби ҷавондухтарон ба таҳсилу касбомӯзӣ, муқовимат бо хурофотпарастию ифротгарой ва ғайра ҷавобҳои қаноатбахш дод.

М. ИМОМНАЗАР,
«Садои мардум»

Ба муносибати 100-солагии рӯзномаи «Овози тоҷик»

РӮЗНОМАИ МАҲБУБ

Бо истифода аз фурсат ҳамкасбонамон - аҳли эҷоди «Овози тоҷик», инчунин, хонандагону ноширони онро ба муносибати 100-солагии ин рӯзномаи маҳбубу машҳур табрик мегӯем.

Мо рӯзномаи «Овози тоҷик»-ро бо таърихи садсола, на танҳо яке аз аввалин рӯзномаҳои тоҷикзабон, балки дар таърихи матбуоти даврии Осиёи Марказӣ яке аз аввалин нашрияҳо ва шоистаи ифтихор медонем.

Рӯзнома дар давраи ниҳоят ҳассосу сарнавиштсози миллати тоҷик таъсис ёфта, рисолати таърихиро бар дӯш гирифт ва онро бо сарбаландӣ иҷро намуд. Дар он эҷодкорони асил дар бораи ҳастии миллат, таъриху фарҳанг, забону адабиёти тоҷик ва вазъи иқтисодию иҷтимоии замон мунтазам менавиштанд ва орзую ормонҳои хешро тавассути ин рӯзнома инъикос менамуданд. Аз ин рӯ, рӯзномаи «Овози тоҷик»-ро метавон ормонномаи миллат номид.

Рӯзнома аз замони таъсис ёфтанаш дар таблиғи адабиёти навини тоҷик низ саҳмгузор буд. Аз ҷумла, аз 23 ноябри соли 1924 то 1 майи соли 1925 ба таври силсила чоп шудани повести устод Садриддин Айнӣ «Одина ё саргузашти як тоҷики камбағал» гувоҳи гуфтаи болост. Нашр гаштани асари мазкур хонандагонро бо навъи комилан ҷадиди адабӣ ошно сохт ва роҳи тозаеро барои навқаламони адабиёт боз намуд. Ҳамин тавр, рӯзномаи «Овози тоҷик» дар як давраи ҳассос ва тақдирсоз арзи ҳастӣ карда, дар муборизаҳои беамон баҳри тарғиби фарҳангу таърих ва ҳаёти сиёсию иҷтимоии миллат обутоб ёфтааст.

Дар рӯзномаи «Овози тоҷик» мақолаҳои шахсиятҳои барҷастаи инқилобии шуравӣ М. И. Калинин, Я. Э. Рудзутак, Ш. З. Элиава ҳам рӯи чоп омадаанд. Ҳамчунин, арбобони барҷастаи ҳизбии тоҷик Ширишоҳ Шоҳтемур, Чинор Имомов, Нусратулло Махсум ва дигарон ба рӯзнома таваҷҷуҳи хос доштанд.

«Овози тоҷик» дар тӯли фаъолияти садсола на танҳо барои миллати тоҷик ва тарғибу ташвиқи фарҳангу таърихи он, балки барои густариши дӯстию бародарии мардумони Осиёи Марказӣ, бахусус тоҷикону ӯзбекон, саҳми беандоза гузоштааст. Тарғибу ташвиқи ҳамзистии осоишта, ҳифзи дӯстию рафоқати қадимӣ, ҳамсоягии нек, фарҳанг, урфу одат ва ҷашну маросими шабеҳ аз ҳадафҳои асосии ин рӯзнома маҳсуб мешуд, ки имрӯз бо сатҳу сифати нав, рӯҳияи тоза ва ҷавобгӯ ба талаботи замон идома дорад.

Бояд зикр кард, ки саҳми саронии ду давлат - Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёевро дар расидан ба ин сатҳи неки дӯстию бародарӣ таъкид накардан таҳрифи таърих мебуд.

Имрӯз рисолати воситаҳои ахбори омма, бухусус рӯзнома, фаротар аз ҳифзи манфиатҳои миллист. Чун ҷаҳонишавӣ, зуҳуроти номатлуби терроризму ифротгарой ва хурофоту бегонапарастӣ ҳамчун хатарҳои ҷиддии замони муосир кайҳо боз дари моро мекӯбанд ва дар чунин вазъият барои ҳифзи манфиатҳои миллию давлатӣ рисолату масъулияти воситаҳои ахбори омма даҳчанд афзудааст. Бинобар ин, мо бояд тибқи иқдому ташаббусҳо ва дастуру нишондодҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ҳамкориро густариш бахшида, дар таҳкими дӯстию бародарии дерин, ҳамсоягии нек, ҳифзи манфиатҳои ҳар ду кишвар беш аз пеш саҳмгузор бошем.

Барои расидан ба ҳадафҳои нек ба ҳамкасбони азизамон барору муваффақият таманно намуда, тансиҳатию хушбахтии ҳамешагӣ ва дастовардҳои нав ба нави эҷодии онҳоро орзумандем.

Ҷашни 100-солагии рӯзномаи маҳбуб - «Овози тоҷик» муборак!

«Садои мардум»



Ҳамоиши муҳим

АЗМИ ҚАВИИ Ф. РАҲИМӢ ВА НИГАРОНИИ Ш. КАБИР

Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади рушди таҳсилоти ибтидоию миёнаи касбӣ ва соҳибкасб намудани аҳолии мамлакат корҳои зиёдро ба анҷом расонидааст. Аз ҷумла, чанде пеш бо қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ таъсис дода шуд.

Ин нукта зимни баргузории суҳбати гирди миз таҳти унвони «Омӯзиши эҳтиёҷоти бозори меҳнат ва омода намудани мутахассисони дорои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ вобаста ба эҳтиёҷот ва талаботи корфармоён», ки чанде пеш бо ташаббуси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ЮНИСЕФ ва Иттиҳоди Аврупо дар меҳмонхонаи «Ҳилтон» баргузор шуд, зикр гашт.

Дар чорабинӣ муовини Сарвазири ҷумҳурӣ Дилрабо Мансурӣ, вазири саноат ва технологияҳои нави кишвар Шералӣ Кабир, муовини вазири маориф ва илм Лутфия Абдухолиқзода ва корфармоён - намояндагони корхонаҳо, ширкатҳои тиҷоратӣ, истеҳсолӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ҳузур доштанд.

Ҳадафи баргузории чорабинӣ муаррифии кумитаи навтаъсис ва самтҳои фаъолияти он ба корфармоён арзёбӣ шуд. Зикр гардид, ки ҳоло дар назди кумита 65 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва 88 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ фаъолият мекунанд.

- Муассисаҳо аз рӯи 500 ихтисос дар 30 самт мутахассис омода менамоянд. Нияти дорем шумораи ихтисосҳоро то ба 1000 расонем. Мехоҳем самту ихтисосҳои навро, ки дар ин зинаи таҳсилот ворид мешаванд, бо корфармоён мувофиқа созем. Даъват мекунем иштирокчиёни чорабинӣ - намояндагони корхонаҳо ташкилотҳои истеҳсолӣ бо мо ҳамкорӣ дошта бошанд, эҳтиёҷ ва талаботашонро ба касбҳои гуногун иброз намоянд, - гуфт раиси кумита Фарҳод Раҳимӣ.

Дилрабо Мансурӣ мавзуи мавриди баррасиро сариваҚтӣ арзёбӣ карда, аз ҷумла гуфт: «Омода намудани кадрҳо аз рӯи методологияи нави таълим дар асоси стандарти байналмилалии касбҳо ва бо назардошти талаботи бозори меҳнат дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ масъалаи мубрам ба ҳисоб меравад. Ҳоло дар бозори меҳнати дохил ва хориҷи кишвар талабот ба кадрҳои соҳаҳои саноат, сохтмон, энергетика, сайёҳию хизматрасонӣ зиёд буда, таъмини ин соҳаҳо бо кадр вазифаи аввалиндараҷаи муассисаҳои ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ мебошад».

Ба гуфти Шералӣ Кабир, бозори меҳнати дохил ва хориҷи кишвар имрӯз бештар ба мутахассисони технологияҳои иттилоотӣ ва зеҳни сунъӣ ниёз доранд. «Ҳоло бисёр ширкатҳо, аз ҷумла «Ширкати Алюминийи Тоҷик» хеле модернизатсия шудааст. Ширкат ба 600 нафар кормандони дорои сатҳи баланди касбӣ дар соҳаи IT - технология эҳтиёҷ дорад. Мутаассифона, мо дар ин самт қадамҳои устувор гузошта натавонистем», - афзуд ӯ.

Дар фарҷом корфармоён ба масъулини кумита дархосту пешниҳодоти ба тақвияти равобит мусоидатмекардаро ироа намуданд.

Фарзона ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»

ДУШАНБЕ - МИЗБОНИ ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН ОИД БА ГӮШТИНГИРӢ

Дар асоси қарори Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ рӯзҳои 30 - 31-уми августи соли равон дар пойтахти кишварамон нахустин Чемпионати ҷаҳон оид ба гӯштингирӣ баргузор мегардад. Дар ин мусобиқаи бонуфуз варзишгарони 60 кишвар иштирок хоҳанд кард.

Қобили таъкид аст, ки гӯштини миллии тоҷикӣ, маҳз бо дастгирии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақоми байналмилалӣ гирифт. Дар Ҷашни байналмилалии Наврӯз соли 2015 Сарвари давлат ба Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастур доданд, ки гӯштини миллӣ на танҳо дар Наврӯз, балки дар ҳама ҷашнҳо тарғиб шавад. Инчунин, дар анҷоми тантанаҳои идонаи ҷашни Наврӯз соли 2016 Пешвои миллат эълон намуданд, ки минбаъд 22 март «Рӯзи гӯштингирон», 23 март «Рӯзи аспдавонон» ва 24-уми март «Рӯзи гулкорӣ ва ниҳолшинонӣ» эълон шавад.

Ҷиҳати дар сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ кардани ин намуди варзиш 19-уми марти соли 2022 дар шаҳри Душанбе пеш аз оғози мусобиқаи байналмилалӣ оид ба гӯштини миллӣ бо ширкати намояндагони 31 давлат кунгураи машвараті баргузор гардид. Дар ин ҳамоиш аксар намояндагони давлатҳои иштирокчӣ тасмими кишвари моро ҷиҳати мақоми байналмилалӣ гирифтани гӯштини миллии тоҷикӣ ҷонибдорӣ намуданд.

Бо пешниҳоди Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ва дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Федератсияи гӯштингирони Тоҷикистон дар Раёсати адлияи шаҳри Сюрихи Швейтсария гӯштини миллии тоҷикиро сабти ном намуд ва федератсия соҳиби сертификати байналмилалӣ гардид. Ҳамин тавр, аз 17-уми июни соли 2022 гӯштини миллии тоҷикӣ мақоми байналмилалиро соҳиб шуд.

26-27-уми июни соли 2023 дар шаҳри Душанбе бо иштироки паҳлавонони зиёда аз 30 кишвар бори нахуст тайи 96 соли мавҷудияти ҳаракати ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусобиқаи гӯштингирӣ баргузор гардид.

Мавриди зикри хос аст, ки гӯштини миллии тоҷикон таърихи беш аз 3000-сола дошта, он сарчашмаи тамоми намудҳои гӯштин (махсусан самбо, кураш, камарбандӣ…) ба шумор меравад. Дар бораи паҳлавонон ва тарзу усулҳои тамрини онон дар асарҳои Абулқосим Фирдавсӣ, ДаҚиқӣ, Умари Хайём, Носири Хусрав, Саъдӣ Шерозӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Сотим Улуғзода, «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров ва дигарон маълумоти фаровон дода шудааст.

Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и беазволаш аз хурдӣ дар рӯҳияи далерӣ ва бо гӯштию омоҷу гӯй (тӯби чавгонбозӣ) тарбия додани писар таъкид намудааст:

Чу парварда гардад писар дар канор,
Битарсаду пеш оядаш корзор.
Ба гӯштию нахчиру омоҷу гӯй,
Диловар шавад марди пархошгӯй.

Вобаста ба таърихи пайдоиш ва рушди гӯштингирӣ дар кишвар чанде пеш китоби шореҳи варзиши Мирзосафар Шамсиддинов бо номи «Ҳалуки искандарӣ» низ аз чоп баромад, ки армуғони арзанда дар арафаи баргузории Чемпионати ҷаҳон оид ба гӯштингирӣ маҳсуб меёбад.

Баргузории Чемпионати ҷаҳон оид ба гӯштингирӣ дар шаҳри Душанбе бори дигар далели эътирофи варзиши миллии Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ мебошад. Муҳим он аст, ки дар давоми баргузории ин мусобиқа варзиши тоҷик муаррифӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон бори дигар дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор хоҳад гирифт.

Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум»

Таваҷҷуҳ!

ҲУШДОРИ ПРОКУРАТУРАИ ГЕНЕРАЛӢ

Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути воситаҳои ахбори омма ба шаҳрвандони кишвар муроҷиат намуда, чунин ҳушдор додааст: «Ба маълумоти шаҳрвандони мамлакат расонида мешавад, ки вақтҳои охир дар шабакаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби шахсони алоҳида ва ширкатҳои гуногун ҳар гуна эълону реклама ва таблиғот вобаста ба таъмини ҷойи кор дар давлатҳои хориҷӣ, бахусус Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Канада ва Британияи Кабир, зиёд гардидаанд».

Таъкид шудааст, ки ин таблиғот асос надошта, барои мардумфиребӣ ва бо роҳҳои қаллобӣ аз худ намудани маблағи шаҳрвандон суиистифода шуда, дорои пайомадҳои манфӣ, инчунин, боиси ба шаҳрвандон расонидани зарари калон мегарданд. Аз ин рӯ, Прокуратураи генералии ҷумҳурӣ аз шаҳрвандони кишвар эҳтиромона хоҳиш кардааст, ки фирефтаи ҳар гуна таблиғоти беасос оид ба таъмини ҷойи кор дар хориҷи мамлакат нашаванд ва худро зери хатар нагузоранд.

Ш. ҲУСЕЙНЗОДА, «Садои мардум»

Қонун ва ҷомеа

ЧАРО ОҚИЛ КУНАД КОРЕ...

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди амал қарор гирифт, дар таърихи қонунгузории кишвар падидаи бемисл ва хотирмон аст. Сокинони мамлакат хуб дарк кардаанд, ки маҳз риояи қонуни мазкур барои таъмини пурраи рӯзгори ҳар хонавода ва тадриҷан расидан ба зиндагии шоиста ёрӣ медиҳад.

Сарвари давлат дар суханрониҳояшон ба мардум ҳамеша дар бораи риояи қонун ва аҳамияти он ҳушдор медиҳанд: «То расму оин ва маросими милливу динии худро ба як низоми муайян надарорем ва хароҷоти беҳудаву зиёдатии мардумро аз байн набарем, бо қабулу татбиқи барномаҳои давлатӣ ва сарфи маблағҳои зиёд дар масъалаи паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ ба натиҷаҳои дилхоҳу назаррас ноил шуда наметавонем... Мо вазифадорем, ки расму оинҳоро аз хурофоту таассуби барои имрӯзу ояндаи ҷамъият номатлуб тоза созем, онҳоро бо назардошти имкониятҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии худамон танзим намоем… Зоҳирпарастиву исрофкорӣ ва риояи ноогоҳонаи анъана ва расму оинҳои халқиву динӣ дар навбати худ садди роҳи баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад».

Барои фаҳмондани муҳтавои қонун ба мардум Маҷмоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт аз ҳисоби фаъолон гурӯҳҳои таблиғотӣ таъсис дода, бо сокинони ноҳия суҳбату вохӯриҳо доир менамоянд. Дар баробари ин, пайваста нисбат ба вайронкунандагони қонун чораву тадбирҳо андешида мешавад. Аз ҷумла, аз тарафи кормандони прокуратураи ноҳия ҳангоми гузаронидани санҷиши ҳолати иҷрои қонуни мазкур дар деҳаи Ярхичи деҳоти Ҳоит аз тарафи сокини ҳамин деҳа Ҷ. Қ., соли таваллуд 1974, таҳсилоташ миёнаи умумӣ, оиладор, соҳиби 10 фарзанд ва дар ягон ҷой кор намекунад, ҳолати риоя накардани қонун мушоҳида гардидааст. Мавсуф бо мақсади «ҳоҷиталбон»-и шавҳари апааш дастархони пур аз нозу неъмат ороста, бист сокини деҳаро зиёфат додааст.

Инчунин, сокини деҳаи Ҳоит С. Ҳ., соли таваллуд 1991, таҳсилоташ миёнаи умумӣ, соҳиби 4 фарзанд, ки дар ҷое кор намекунад, барои гузаронидани «бист»-и аммааш дар чойхонаи деҳа маъракa ороста, ба он 60 ҳамдеҳаашро даъват кардааст.

Ба ҳамин монанд сокини дигари деҳаи мазкур А. Н., соли таваллудаш 1996, таҳсилоташ олӣ, оиладор, соҳиби як фарзанд, бидуни иҷозаи бахши танзими анъана ва ҷашну маросимҳо тӯйи арӯсии бародарашро баргузор намуда, дар манзилаш ва чойхона-фароғатгоҳи деҳа барои 80 нафар иштирокчиёни маъракa зиёфат оростааст.

Мурофиаҳои судии ашхоси зикршуда дар толори суди ноҳияи Рашт таҳти сарварии раиси суди ноҳия Ҳусейн Баротзода баргузор гардиданд. Ҳангоми муҳокима вайронкунандагони қонун изҳори пушаймонӣ карданд. Афсӯс хӯрданд, ки итоат накардан ба қонун барояшон чунин вазъиятро пеш овард.

Суди ноҳияи Рашт масъаларо ҳаматарафа омӯхта, ҳолатҳои сабуккунандаро низ ба назар гирифт ва ба ҳар кадоми онҳо ба андозаи 110 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне 7480 сомонӣ, ҷарима таъин намуд.

Диловари МИРЗО, «Садои мардум»

Баробари фаро расидани фасли тобистон ба оббозӣ майли бештар пайдо мешавад. Шиноварӣ на танҳо барои инкишофи ҷисмонӣ, балки дар ҳолати хуб нигоҳ доштани асаб ва мутобиқ намудани организм ба муҳит мусоидат менамояд, аммо ташвишовар он аст, ки ҳамасола кӯдакону наврасони зиёд ҳини оббозӣ ғарқ мешаванд. Сабабҳои ғарқшавӣ кадомҳоянд ва чаро бо вуҷуди тавсия ва таъкидҳои пайвастаи мутахассисон шумораи ғарқшудагон коҳиш намеёбад? Иҷрокунандаи вазифаи сардори маркази идоракунии ҳолатҳои буҳронии Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Умеда Юсуфӣ дар посух ба ин ва суолҳои дигари марбут ба мавзуъ чунин гуфт:

- Ғарқшавӣ дар фасли тобистон масъалаи доғ боқӣ мондааст. Барои истироҳат ва обутоби бадани инсон об манбаи хуб аст, аммо надонистан ва вайрон кардани қоидаҳои бехатарӣ, интихоби нодурусти ҷой барои оббозӣ ва ба таври кофӣ надоштани малакаи шиноварӣ метавонад боиси марг гардад.

ГАР ШИНОВАР НЕСТӢ...

Мутаассифона, бо ин сабаб дар шаш моҳи аввали соли 2023-юм 87 нафар ғарқ шуда буданд, ки 32 нафарашон кӯдакон ва наврасони то 16-сола мебошанд.

Дар шашмоҳаи аввали соли равон бошад, 86 нафар ғарқ шуданд, ки беш аз 40 нафарашон кӯдакон ва наврасони то синни 16 мебошанд.

Қобили зикр аст, ки натавонистани оббозӣ ягона сабаби ғарқшавӣ нест, омилҳои дигаре низ вуҷуд доранд. Масалан, шохроҳҳои асосии мамлакати мо бештар аз соҳили дарёҳо мегузаранд. Аз ин рӯ, сабаби дигари ғарқшавӣ садамаҳои нақлиётӣ мебошанд. Баъзан ҳангоми убур намудани рӯдхонаҳое, ки ворид шудан ба он манъ гаштааст, сокинон ба ҳалокат мерасанд.

Моҳи феврали соли равон аз ҳисоби кормандони Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, корҳои дохилӣ, маориф ва илм, кумитаҳои кор бо ҷавонон ва варзиш, занон ва оила гурӯҳи кории байниидоравӣ таъсис дода шуд. Аъзои гурӯҳ истироҳатгоҳҳои кишварро, ки ҳавзҳои оббозӣ доранд, аз санҷиш гузаронданд. Комиссия хулосаҳояшро ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо пешниҳод намуд.

Дар ҷумҳурӣ мавсими шиноварӣ аз якуми июн оғоз меёбад, аммо дар баъзе ноҳияҳо шаҳрвандон ҳанӯз мавсими оббозӣ фаро нарасида, ба шиноварӣ машғул мешаванд, ки ин пайомади ногувор дорад.

Барои пешгирии чунин ҳолатҳо якҷо бо Вазорати корҳои дохилӣ ва намояндаҳои дигар мақомоти дахлдор дар мавзеъҳое, ки шиноварӣ манъ аст, рейд гузаронда, бо кӯдакон суҳбатҳо доир мешавад. Ғайр аз ин, аз ҳисоби наҷотдиҳандагони Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании дар мавзеъҳое, ки бештар шаҳрвандон ба шиноварӣ машғул мешаванд, навбатдории шабонарӯзӣ ташкил шудааст. Дар ин замина то имрӯз онҳо 16 нафарро аз ғарқшавӣ наҷот додаанд. Зуҳуроти дигаре, дар ду соли охир зиёд шудааст, худкушӣ мебошад. Аз якуми июн то имрӯз гурӯҳҳои сайёри наҷотдиҳандагон дар ҳудуди вилояти Хатлон чор нафарро, ки худро дар об ғарқ намудан мехостанд, наҷот доданд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки баъзе падару модарон фарзандони худро беназорат мемонанд. Бо ин сабаб чанде пеш 5 ҳолати ғарқшавии ноболиғон ба қайд гирифта шуд.

Дар ин кор калонсолон бояд намунаи ибрат барои ноболиғон бошанд, вале ҳолатҳое мешавад, ки онҳо дар мавзеъҳои мамнуъ шиноварӣ мекунанд. Масалан, дар дарёҳо. Ҳол он ки дар дарёҳои ҷумҳурӣ оббозӣ манъ аст.

Мусоҳиб Марҷона СОЛИҲЗОДА, «Садои мардум»

МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ОГОҲӢ АЗ АРЗИШҲОИ ИНСОНИСТ

Ҳар пешниҳоду ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯзмарра буда, аз дастгирии қишрҳои гуногуни ҷомеа бархӯрдор аст. Соли 2024-ро ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани Пешвои миллат бесабаб нест, зеро агар аз як тараф, он ба пешвози 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, аз тарафи дигар, ин иқдом водор менамояд, ки мардум огоҳии хешро оид ба қонуну тартибот, арзишҳои инсонӣ ва эҳтиромӣ дастовардҳои истиқлолияту ваҳдати миллӣ беҳтар гардонанд.

Тавре зимни суҳбат номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Хурсанд Ҳамдамзода иброз дошт, имрӯз ҷомеаи Тоҷикистон ба шахсиятҳои огоҳу ҷаҳонбинии васеъдошта ва созандаю бунёдкор эҳтиёҷ дорад, то арзишҳои миллию соҳибихтиёриро, ки бо талошҳои пайгиронаи Пешвои миллат ва халқи соҳибтамаддуни тоҷик ба даст оварда шудааст, ҳамчун гавҳараки чашм нигоҳ доранд, зеро маҳз ҳамин арзишҳо метавонанд давлати моро дар олами мутамаддин муаррифӣ ва онро поянда нигоҳ доранд. Конститутсия ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ яке аз нишонаҳои ҳастии давлат маҳсуб меёбад. Пешвои миллат соли 1999-ро «Соли волоияти қонун ва ризоияти шаҳрвандӣ» эълон намудааанд, ки аз дастгирии зиёди доираҳои дохилию берунӣ бархӯрдор гардида буд.

- «Соли маърифати ҳуқуқӣ» давоми ҳамон тадбирҳое мебошад, ки ҳар фарди имрӯзи Тоҷикистон ҳақшиносу адолатхоҳ ва аз ҳуқуқу озодиҳои худ огоҳ бошад ва дар мавридҳои зарурӣ аз худ дифоъ карда тавонад, манфиатҳои Ватану миллатро дар мадди аввал гузорад, дар ин ҷаҳони пурталотум, ноором ва пешгӯинашаванда манфиатҳои миллии худро дарк намояд ва бетарафиро пеша накарда, баръакс, барои ҳифзи арзишҳои миллӣ, омодагӣ нишон диҳад. Ба мафҳумҳои ҳуқуқии ҳақиқат, адолат, қонуният, баробарӣ ва арзишҳои ахлоқӣ ва эҳтиромӣ таҳаммулпазирӣ содиқ бошад. Донишу маърифати ҳуқуқӣ на танҳо барои ҳуқуқшиносону ҷомеашиносон, балки ба ҳар фарди ҷомеа зарур мебошад, то аҳаллан ҳуқуқу манфиатҳои худро ҳимоя карда тавонад, - мегӯяд Х. Ҳамдамзода.

Номбурда дар идомаи суҳбат афзуд, ки ҳар як меъёри Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаҳои гуногуни муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим дароварда, санадҳое, ки ба Конститутсия мувофиқат намекунанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мафҳумҳои «инсон» ва «шаҳрванд» диққати махсус додааст. Аз ҷумла, дар моддаи 5 гуфта шудааст: «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд». Ҳамчунин, боби дуюми Конститутсия пурра ба риоя, ҳифз ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон бахшида шудааст, ки ба рушду инкишофи ҳар фарди мамлакат мусоидат намуда, ба демократикунонии ҳаёти ҷомеа пурра созгор аст. Мутаассифона, на ҳама қишрҳои ҷомеа аз меъёрҳои ин санади сарнавиштсоз ва аз ҳуқуқу озодиҳои худ огоҳӣ доранд ва табиист, ки ба мушкилоти гуногун дучор мешаванд. Маҳз, ба ҳамин хотир ва баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқӣ Пешвои миллат соли 2024-ро «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намуданд.

Ҳар яки мо аз ҳама бештар ба Конститутсия, ки як санади роҳнамо ва танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ аст ва пешравию рушди кишвари мо ба он пайванди ногусастанӣ дошта, яке аз муқаддасоти миллӣ маҳсуб мешавад, бояд эҳтиромӣ беандоза дошта бошем. Чӣ тавре ки Пешвои миллат дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намуданд, ин ҳама рушду пешрафти кишвар ба меъёрҳои Конститутсия рабт дошта, аз он сарчашма мегиранд.

Воқеан, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барқарор намудани сохти конститутсионӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон, муайян намудани салоҳияту вазифаҳои мақомоти асосии давлатӣ ва муаррифӣ намудани Тоҷикистон дар муносибатҳои байналхалқӣ нақши бузург бозид. Конститутсия дар тӯли 30 сол ҳамчун як санади роҳнамо Тоҷикистонро дар дохил ва хориҷи кишвар муаррифӣ намуд. Аз тарафи дигар, дар ҳамон лаҳзаи барои мо сарнавиштсоз, ки хавфи аз байн рафтани давлат таҳдид менамуд ва ҷанги таҳмилӣ ҷараён дошт, аз таъмини амнияти мардум, пешгирии ҷанги хонумонсӯз, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон, қонунияту адолат, баргардонидани гурезаҳо, ҳифзи истиқлолияти давлатӣ ва таъмини ваҳдати миллӣ дида вазифаи бузургтару муқаддастаре набуд. Хушбахтона, маҳз ба шарофати сиёсати дурандешонаи Пешвои миллатамон ва ҳамин санади тақдирсоз ба чунин рӯзҳои тинҷу ором расидем ва имрӯз аз тантанаи адолат истиқбол менамоем.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар ҷаҳони муосири ҷаҳонишавӣ (глобализитсия) рушду пешрафт аҳамияти бесобиқа дорад. Ҷаҳони имрӯзаро бе ҷаҳонишавии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа тасаввур карда намешавад. Яке аз хосиятҳои ҷаҳонишавӣ технологияи иттилоотӣ мебошад, ки ҳама аз он фаровон истифода мебаранд ва дар кору фаъолияти онҳо кумаки калон мерасонад, вале дар баробари тарафҳои мусбат мушкилоти ҷаҳонишавӣ низ хеле зиёд буда, давлату ҷомеаҳоро бетараф гузошта наметавонад ва онҳо барои ҳифзи арзишҳои миллии худ талош мекунанд, то равандҳои номатлуби ҷаҳонишавӣ манфиатҳои миллии онҳоро зери хатар нагузорад ва суботи ҷомеаро вайрон насозад. Албатта, манфиати миллии ҳар як давлати соҳибистиқлол, пеш аз ҳама, ҳифзи истиқлолият ва тамомияти арзии мамлакат буда, муҳимтарин неъмати истиқлолият суботи ҷомеа мебошад.

Имрӯз ҷаҳони муосир ба ғайр аз рушду пешравиҳои бесобиқа ба мушкилоти гуногун рӯ ба рӯ аст. Аз ҷумла, хатари ифротгарой ва терроризм ба ҳамаи давлатҳо таҳдид мекунад. Давлати мо имрӯз тамоми қудрату тавоноиро дорад, ки аз худ дифоъ намояд ва суботи ҷомеаро таъмин созад. Тавре Пешвои миллат дар яке аз суханрониҳояшон иброз дошта буданд, маҳз муборизаи муштарак ва оштинопазир бар зидди ин зуҳуроти номатлуб метавонад моро аз ин мушкилӣ раҳо намояд. Дар баробари ин, донишу маърифати ҳуқуқӣ ташаккул дода шавад, то ҳар фарди ҷомеа хатари ин амалҳои номатлубро дарк намояд ва дар кӯҷое набошад, манфиати миллии худро аз ҳама арзишҳои дигар боло гузорад.

- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 28-уми декабри соли 2023 дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намуданд: «Ҳамаи мо вазифадорем дар шароити ниҳоят ҳассос ва нооромо пуртаҳаввули ҷаҳони имрӯза баҳри суботу амнияти кишварамон аз ҳар вақти дигар босабру таҳаммул ва муттаҳиду сарҷамъ бошем». Вобаста ба ин дастуру супоришҳо моро лозим аст, ки дар байни қишрҳои ҷомеа корҳои тарғиботӣ ва фаҳмондадиҳӣ, суҳбатҳо ва конфронсҳои илмию амалӣ гузаронида, «Соли маърифати ҳуқуқӣ» ва 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро сазовор ҷашн гирем ва заррае ҳам бошад, дар устуворӣ ва бақои давлати маҳбубамон саҳм гузошта, барои саодатмандии халқамон масъул бошем, - иброз дошт Хурсанд Ҳамдамзода.

Сулаймон СУЛТОНОВ, «Садои мардум»

ВАНҶ. МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ БА СОЛИ НАВИ ХОНИШ ОМОДААНД

Дар ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 50 муассисаи таҳсилоти умумӣ, ду боғчаи бачагона таъмири асосӣ ва 28 муассисаи таълимӣ навсозӣ гаштанд.

Тавре аз ноҳия иттилоъ доданд, феълан сохтмони бинои муассисаҳои таълимии рақамҳои 8-и деҳоти Рованд, 16-и деҳоти Баномии Маҳмадулло Абдуллоев, 27-и деҳоти Рованд, 32-и деҳоти Техарв низ ба анҷом расида, сохтмони муассисаҳои таълимии ибтидоии рақамҳои 12-и деҳаи Дуршер, 48-и деҳаи Зайч, МТМУ № 42-и деҳаи Лахш ва бинои маркази инкишофи рушди барвақтии кӯдакон дар деҳаи Пайшанбеобод бомаром идома дорад.

Мавриди зикр аст, ки ғайр аз макотиби сохташаванда дигар муассисаҳои таълимии ноҳия ба соли нави хониш омодаанд.

ХОРУҒ. НАҚЛИЁТИ НАВ ДАР ХИЗМАТИ МАРДУМ

Дар доираи лоиҳаҳои «Барқарорсозии системаҳои обтаъминкунӣ, марҳилаи 2» ва «Устуворгардонии шаҳри Хоруғ» Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии об ва канализатсия»-и шаҳри Хоруғ соҳиби се нақлиёти хизматӣ гардид.

Дар маросими тақдими техникаву нақлиёти нав раиси шаҳр Ризо Назарзода иброз дошт, ки ин иқдом барои таҷлили сазовори Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар заминаи ҳамкориҳои судманди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ бо шарикони рушд амалӣ гардид.

Ёдовар мешавем, ки солҳои охир бо ташаббусу дастгирии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва кумаки Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ садҳо техникаву муҳимот ва нақлиёти хоҷагидорию мусофиркашонӣ ба ВМКБ ҷудо шуда, дар хизмати сокинон қарор доранд.

М. ИМОМНАЗАР,
«Садои мардум»

Солҳои охир бунёди мактабҳои ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир ба ҳукми анъана даромадааст.

ҲИСОР. БУНЁДИ БИНОИ НАВИ МАКТАБ БО САҲМИ СОКИНОН

Чунин як иқдоми созандаро сокинони деҳаи Тӯдаи шаҳри Ҳисор идома бахшиданд. Онҳо дар баробари таъмири мактаби мавҷудаи деҳа қарор доданд, ки мактаби нави замонавӣ бунёд намоянд.

Бинои нави мактаб бо иқдоми сокини деҳа Маҳмуд Сайфиддинов бо ҷалби фарзандони соҳибкораш бунёд меёбад.

Тӯда аз калонтарин деҳаҳои шаҳри Ҳисор маҳсуб ёфта, аҳолиаш зиёда аз 7 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Солҳои охир ҳудуди деҳа аз ҳисоби бунёди хонаҳои истиқоматӣ дар шимолу ғарбии деҳа васеъ гардида, фарзандон барои таҳсил роҳи беш аз 2 километрро тай намуда, ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6 мераванд.

Дар маросими оғози сохтмони мактаби нав иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Ҳисор Ҷаббор Носирзода иштирок намуда, ба сокинони шарафманди деҳаи Тӯда, бахусус бобои Маҳмуд ва фарзандонаш, барои иқдоми созанда изҳори сипос карда, омодагии МИҲД шаҳрро ҷиҳати кумак дар раванди сохтмон иброз намуд.

Иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳр, ҳамчунин, бо рафти таъмири муассисаи таълимии деҳа шинос гардид.

Бояд иброз намуд, ки муассисаи мазкур ҳанӯз солҳои 80-уми асри гузашта бунёд ёфта, бо гузашти солҳо дару девор, фаршу шифти он таъмирталаб шуда буд. Ба исми нависанда, зодаи ҳамин диёр Ҳабибулло Назаров номгузорӣ шудани муассиса аз он дарак медиҳад, ки сокинони ин деҳаи овозадор ба хизмати аҳли илму адаб дар назди Ватан арҷ мегузоранд. Шахсиятҳои зиёд аз шумори хатмкардаҳои ин даргоҳ чеҳраҳои маълуму маъруфи кишвар маҳсуб меёбанд.

С. НАЗАРОВ,
«Садои мардум»

Бонги изтироб

ТОЛЕИ ШӮРИ СОКИНОНИ ШӮРХОК

Пеш аз оғози соли нави хониш роҳбарони муассисаҳои таълимии шаҳру навоҳии кишвар аз омодагии мактабҳо ба соли нави таҳсил гузориш медиҳанд.

Аз тариқи расонаҳои иттилоотӣ низ дар бобати ба истифода супоридани даҳҳо муассисаи наву замонавии таълимӣ хабару гузориш пахш мегарданд, ки аз таваҷҷуҳи хосаи роҳбарияти олии кишвар ба илму маориф дарак медиҳад.

Мутаассифона, ҳоло ҳам муассисаҳои таълимиеро дучор шудан мумкин аст, ки дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, таҳсил дар се баст роҳандозӣ шудааст.

Сухан дар хусуси МТМУ № 36-и деҳаи Шӯрхоки деҳоти Қаратоғи шаҳри Турсунзода меравад, ки бинои асосиаш соли 1929 сохта шуда буд. Ба гуфти сокинони маҳаллӣ, соле қабл аз ҷониби як соҳибкори ватанӣ барои бунёди бинои нави мактаб ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр муроҷиат шудааст. Он вақт ба вай пешниҳод кардаанд, ки бо вазъи муассисаи таълимии рақами 36 шинос шавад.

Соҳибкор ба мактаб омада, сокинону омӯзгоронро бовар мекунонад, ки баробари бартарафсозии бинои кӯҳнаи мактаб фавран ба сохтмони бинои нав шурӯъ мекунад. Муаллимони мактаб бо дастгирии сокинони деҳа дар давоми ду рӯз бинои кӯҳнаро канда, барои бунёди бинои нав таҳкурсӣ омода карданд. Соли дуюм аст, ки мунтазири оғози корҳои сохтмонӣ ҳастанд. Аммо аз соҳибкор дарак набуда, омӯзгорону хонандагон дар ҳолати ногувор мондаанд.

Директори муассисаи таълимӣ Абдуқаҳҳор Қодиров иброз дошт, ки: «Аз вазъи мактаби мо шуъбаи маориф ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр воқиф ҳастанд ва ваъда дода буданд, ки дар сурати пайдо шудани имконият камбудӣ бартараф хоҳад шуд».

Аз раиси шаҳри Турсунзода Парвиз Акрамзода иттилоъ гирифтем, ки масъалаи мазкур дар мадди назари ӯ қарор дошта, бо шарикони рушд гуфтушунид идома дорад. Дар назар аст, ки дар ҳолати ба мувофиқа расидан дар деҳаи Шӯрхок бинои муассисаи таълимӣ сохта шавад.

Ҳоло муаллимон мачбуранд ба шогирдон дар шароити ба ягон меъёр мутобиқнабуда дарс гӯянд, ки ба сифати таҳсил бетаъсир нахоҳад монд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки масъулияти калонсолон дар қабули қарорҳое, ки ояндаи насли наврас аз онҳо вобастагӣ дорад, то чӣ андоза муҳим аст.

Н. САЙИДО,
«Садои мардум»

АЗ ТАСДИҚИ МАЪЮБӢ ТО ИМТИЁЗҲО

Бино ба иттилои сардори раёсати ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии кишвар Қудратулло Қурбонов, дар 6 моҳи аввали соли 2024-ум 17372 нафар барои муқаррар ва тасдиқ намудани гурӯҳи маъюбӣ муроҷиат намуда, ба 16733 шахс маъюбӣ муқаррар шуд. Ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 2616 нафар кам аст.

- Дар ин муддат ҳамагӣ 6070 (2139 кӯдак) маъюб бори нахуст расман ба қайд гирифта шуда, 4096 кас (1269 ҳолати фавт, аз ин шумора кӯдакон 153 нафар) аз маъюбӣ бароварда шудаанд. Теъдоди маъюбон дар ҷумҳурӣ ба 164631 нафар расидааст, ки аз ин шумора 17 ҳазору 678 нафар гурӯҳи I, 80 ҳазору 243 нафар гурӯҳи II, 33058 нафар гурӯҳи III ва кӯдакони то 18-сола 33648 нафарро ташкил медиҳад.

Маълум гашт, ки маъюбӣ бинобар нуқсони модарзодӣ дар ҷумҳурӣ ташвишовар боқӣ мемонад. Таҳлилҳое, ки мутахассисон дар 6 моҳи аввали соли равон байни кӯдакон гузарониданд, маълум намуд, ки аз 2139 кӯдаки маъюб 1264 нафар ё 59 фоизи он дорои бемориҳои нуқсони модарзодӣ мебошанд.

Ба гуфти ҳамсуҳбати мо, никоҳи хешутабори наздик яке аз омилҳои маъюбии модарзодӣ мебошад. Сабаби дигари маъюбшавӣ таваллуд дар хона аст. Дар 6 моҳи аввали соли ҷорӣ байни кӯдакони маъюбе, ки ба рӯйхат гирифта шудааанд, 57 ҳолати он бинобар таваллуд дар хона мебошад.

Яке масъалаҳои муҳим хизматрасониҳои тавонбахшӣ, бахусус дар деҳот, аст. Дар робита ба мавзуъ Қудратулло Қурбонов гуфт: «Айни замон 43 маркази хизматрасонии иҷтимоӣ, марказ ва шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона, 6 маркази минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолону маъюбон ва 58 маркази хизматрасонии иҷтимоӣ ба кӯдакони имконияташон маҳдуд, ятиму бесаробон, маъюбон ва пиронсолон, ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила, шаҳрвандони бемории ВНМО ва сил, занону кӯдакони аз минтақаи амалиёти ҷангӣ баргардонидашуда ва дигар шахсони дар ҳолати душвор қарордошта хизмат мерасонанд». Таъкид шуд, ки ҳамасола фаъолияти муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор, махсусан Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мавриди омӯзиш ва баҳодиҳӣ қарор гирифта, камбудиҳо муайян ва баҳри ислоҳи онҳо чораҳои дахлдор андешида мешавад.

Маъюбон аз кадом имтиёзҳо бархӯрдоранд? Ба ин суол Қудратулло Қурбонов чунин посух гуфт:

- Имтиёзҳо барои шахсони маъюб дар санадҳои меъёрӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», муқаррар шудааст. Тибқи муқаррароти қонуни мазкур, кӯдакони маъюб ба тавонбахшӣ, дастрасии ройгон ба воситаҳои техникии тавонбахшӣ, ёрии тиббӣ, табобати санаторию курортӣ, тарбияи томактабӣ, таҳсили умумӣ, тарбия ва таълим дар хона, тарбияи беруназмактабӣ, тарбия ва таълим дар муассисаҳои будубоши доимӣ, истифодаи ройгон аз нақлиёти ҷамъиятӣ, пардохти имтиёзноки ҳақи манзили истиқоматӣ, хизматрасонии коммуналӣ 50 фоиз аз маблағи умумӣ ҳуқуқ доранд. Ғайр аз ин, мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ» маъюбон ҳуқуқ доранд, ки дар муассисаҳои давлатии тандурустӣ ройгон табобат гиранд.

Татбиқи имтиёзҳои зикршуда ба зиммаи шуъба ва бахшҳои ҳифзи иҷтимоии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва дигар зерсохторҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ вогузор мебошад.

Марҷона СОЛИҲЗОДА,
«Садои мардум»

Ба муносибати 100-солагии рӯзномаи «Овози тоҷик»

Сад сол пеш нахустин шумораи рӯзномаи тоҷикони Осиёи Миёна зери унвони «Овози тоҷики камбағал» бо теъдоди 2000 нусха ва бо хати арабиасоси тоҷикӣ аз чоп баромад.

«Овози тоҷик» дар оғоз ҳамчун нашрияи кумитаи ҳизбӣ ва кумитаи иҷроияи Шурои вилояти Самарқанд чоп мешуд. Аз шумораи 12-ум (30-юми ноябри соли 1924) он ба ҳайси нашрияи Бюрои ташкилии КМ (б) Ӯзбекистон дар Тоҷикистон ва Кумитаи инқилобии Ҷумҳурии Шуравии Мухтори Тоҷикистон нашр гардид.

Равшанфикрону маорифпарварони тоҷик нашри ин рӯзномаро бо хушнудӣ истиқбол намуданд. Аз ҷумла, Қаҳрамони Қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров нақши «Овози тоҷик»-ро дар худогоҳии мардум чунин баён карда буданд: «Он аҳамияти бузургеро, ки рӯзномаи «Овози тоҷик» дар солҳои бистум барои маърифати сиёсии омма ва мустаҳкам кардани ягонагии интернатсионалии ҳамаи меҳнаткашон дошт, дар ёд дорам. Дар он солҳо ман ба бахти мухбири фаъоли ин рӯзнома будан мушарраф гаштам…» (рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон», 29 августи соли 1974).

Бисёр шахсиятҳо, аз қабили Абдусалом Деҳотӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Раҳим Ҳошим, Тӯрақул Зеҳнӣ, Набӣ Фахрӣ, Қурбон Баҳлулзода ва дигарон, маҳз дар ин рӯзнома таҷриба андӯхтанд.

МИНБАРИ ОРМОНҲОИ МИЛЛӢ ВА МАКТАБИ БУЗУРГИ РӮЗНОМАНИГОРӢ

Тоҷикистон устод Садриддин Айнӣ дар «Қавми тоҷик ва рӯзнома» ном мақолааш, ки дар нахустин шумораи «Овози тоҷик» ба табъ расидааст, чунин менависад: «Ин рӯзнома мисли номаш, албатта, овози тоҷик хоҳад буд. Акнун гуфта мешавад, ки қавми тоҷики Туркистон ҳам забон баровард. Акнун метавонад, ки ҳамаи даркориҳои худро ба рӯзномаи худ нависад. Акнун метавонад, ки аз аҳволи олам бохабар шавад. Акнун метавонад, ки дарди дили худро ба воситаи рӯзномаи худ, ки забони тоҷик аст, ба ҳар кас во (боз) намояд».

Омӯзгори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, собиқадори матбуот Қироншоҳ Шарифзода дар мақолааш «Устод Айнӣ ва рӯзномаи «Овози тоҷик» чунин навиштааст: «Устод Айнӣ бо эҳсоси масъулияти касбӣ, бо дарки зарурати хидмат ба қавму мулк дар айёми сарнавиштсози таърихӣ, дар сафи як гурӯҳ фарзандони огоҳи Самарқанд дар таъсис ва роҳандозӣ кардани фаъолияти рӯзномаи «Овози тоҷик» саҳми сазовор гузошт. Мақолаҳои устод Айнӣ дар рӯзномаи «Овози тоҷик» мавзуъҳои доғи рӯзро фаро гирифта, бо низоми муайян: фаҳмонидани моҳияти масъала, шарҳи вазъи ҷории он, зикри роҳҳои ҳалли мушкили баррасишуда ва пешниҳодҳои мушаххас иншо гардида, таваҷҷуҳи мухотабонро ҷалб менамуд».

Дар шумораи дуюми «Овози тоҷик» устод Айнӣ бо шодмониву сурур ин мисраъҳоро пешкаши хонандагон гардониданд:

Ба парда то ба чандин рози тоҷик,
Биё биншин, шунав овози тоҷик.
Пас аз чанде ба хомӯшӣ ғунудан,
Баромад оқибат «Овози тоҷик».

Сабаби дар шаҳри Самарқанд чоп шудани рӯзномаи «Овози тоҷик» дар сармақолаи шумораи аввал чунин баён шудааст: «Бо ташаббуси кумитаи фирқаи марказӣ қарор ба нашри газетаи тоҷикӣ гузошта шуд ва аз он ҷое, ки Самарқанд маркази тоҷикони Туркистон аст, анҷоми ин кор ба уҳдаи фирқаи вилоятии Самарқанд ҳавола шуд».

Бояд гуфт, ки рӯзномаи «Овози тоҷик» дар баланд шудани худшиносии миллии тоҷикон, ифтитоҳи мактабҳои тоҷикӣ, болоравии маърифати сиёсӣ ва рушди фарҳангу адабиёти тоҷикон нақши муҳим бозидааст. Дар ин хусус мақолаҳои устод Айнӣ - «Дар бораи мактаб ва маорифи тоҷик», «Дар бораи китобҳои мактабии тоҷикон», «Дар бораи адабиёт ва китобҳои мактабии Тоҷикистон», «Китобҳои тоҷикӣ», «Кори Тоҷикистон гул карданист», «Ба муносибати эълони Ҷумҳурияти мухтори Тоҷикистон», «Маорифи кӯҳистон» ва ғайра мақоми сазоворро ишғол менамоянд.

Аввалин намунаҳои эҷодиёти адибони тоҷикзабони Ӯзбекистон, аз ҷумла Болта Ортиқов, Ҷонибек Қувноқов, Аминҷон Шукуров, Салими Кенҷа, Асад Гулзода, Абдуллои Субҳон, Паймон, Ҷаъфар Холмуҳаммадов ва дигарон, маҳз тавассути ҳамин рӯзнома ба хонандагон муаррифӣ гардид.

Профессор Аъзамҷон Азимов дар мақолаи «Овози тоҷик» ва рисолати таърихи тоҷикон» чунин навиштааст: «Рӯзномаи «Овози тоҷик» дар як муддати кӯтоҳ дар байни халқи тоҷик маҳбубият пайдо кард. Онро дар ҳама ҷо - дар чойхона, қироатхона, кӯча ва корвонсарой меҳонданд. Муаллимон ҳамчун китоби дарсӣ истифода мебурданд. Ҳатто берун аз марзи Тоҷикистон, дар Эрону Афғонистон ва Озарбойҷон низ рӯзнома хонанда дошт.

«Овози тоҷик» дар ин давраи бисёр мураккаб ва печдарпечи таърихӣ нашр мешуд, роҳи пешгирифтаи «Шуълаи инқилоб»-ро давом медод. Дар фаҳмиши мо рӯзномаи «Овози тоҷик» шумора то шумора таваҷҷуҳи меҳнаткашонро бедор ва ба худ ҷалб намуда, ҳисси миллии тоҷиконро бедор мекард. Таърихи гузашта, мавҷудияти миллати тоҷик, фарҳанги волои вай, сукунати тоҷикон дар заминҳои аҷдодӣ ва ҷуғрофияи онро тарғиб мекард».

Рӯзномаи «Овози тоҷики камбағал» минбаъд бо номҳои «Овози тоҷик» (1924-1931), «Ӯзбекистони Сурх» (1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (1931-1940, 1964-1991) ва «Овози тоҷик» (1991 то ин дам) ба хонандагон ғизои маънавӣ бахшидааст. Ин нашрия ба мактаби бузурги рӯзноманигории тоҷик табдил ёфта, дар хонданбобу ҷолиб шудани он тайи солҳои гунагун Шавкат Ниёзӣ, Муҳсин Умарзода, Абдулло Ҳакимов, Аслиддин Қамарзода, доктори илмҳои филологӣ Ҳасан Қудратуллоев, Шоҳҳаҳҳор Салимзода, Матлуба Шоалиева, Тоҷибой Икромов, Мирасрор Аҳроров, Шерпӯлод Вакилов ва дигар соҳибқаламону олимон саҳми арзанда гузоштаанд. «Овози тоҷик» ҳоло нашрияи муштараки Маҷлиси Олӣ (Олий Мажлис) ва Девони вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон мебошад.

Ман аз солҳои ҳаштодуми асри гузашта ин рӯзномаро мутолиа намуда, баъзан мақолаҳояшро низ мефиристам. Боиси хушнудист, ки тайи 100 сол ин рӯзнома таҷассумгари розу ниёз ва орзуву ормонҳои мардуми тоҷик боқӣ монда, рисолати таърихии хешро идома медиҳад.

Сайфиддин СУННАТӢ,
«Садои мардум»

Донишмандони зеҳнпарвари башар

ИБНИ ҲАЙСАМИ БАСРӢ

Назария ва бозёфти илмии ӯ дар самти нур боиси пайдоиши камера - дастгоҳи филмбардорӣ ва суратгирӣ гардид. Ҳини омӯзиши ҳаёту фаъолияти донишманд маълум гашт, ки шишаи пурбинро бори нахуст ӯ сохта, камераи обскура (шакли қадимаи камераи муосир)-ро ихтироъ кардааст.

Вақте аз шуоъ ё нур меандешему ҳарф мезанем, донишмандоне чун Нютон ва Эйнштейн пеши назар меоянд, ки бесабаб нест. Гап сари он, ки моро ҳанӯз аз синни мактабхонӣ ёд додаанд нур, шикасти нур ва хусусиятҳои физикии онро ин донишмандон таҳқиқ намудаанд. Аммо дар таърихи илм далелҳое мавҷуданд, ки тибқи он поягузори физикаи нур дар ҷаҳон яке аз бузургтарин физикдонони асримиёнагии Шарқ ибни Ҳайсами Басрӣ мебошад ва маҳз ба ин хотир аз ӯ чун падари оптикаи муосир (оптика - як соҳаи физика, ки ҳодисаҳои оид ба нур ва хосиятҳои нурро меомӯзад) ёд мекунанд. Яъне, ҳанӯз 700 сол қабл аз Нютон ва Эйнштейн донишманде дар Шарқ нур ва хосиятҳои физикии онро омӯхтаю таҳқиқ намудааст, ки мо дар ин бора ё кам медонем ё умуман чизе намедонем.

Абуалӣ Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Ҳайсами Басрӣ (965-1039) дар Басра таваллуд шудаю дар Қоҳира аз олам гузаштааст. Осораш, ки тибқи сарчашмаҳои таърихӣ наздики 200 (аз он 96 асари илмиаш маълуманд) адад будааст, бо забони арабӣ таълиф шудаанд.

Сарчашмаҳои таърихӣ ҳаҷмасуф, олими соҳаҳои физика, анатомия, математика, механика, офталмолог, равоншинос ва муҳандис муаррифӣ мекунанд.

Дар интернет бобати фаъолият ва бозёфти илмии ӯ матлаби зиёдеро метавон вохӯрд. Олимони Ғарб аз ӯ чун донишманди араб ёд мекунанд, аммо мачаллаи «Мероси ниёгон» соли 2020 дар шумораи №22 дар бораи Абуалӣ Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Ҳайсами Басрӣ матлабе ба нашр расонда, ҳаҷ аз «тамаддуни мо» (тоҷикон - Ф.Ф.) муаррифӣ намудааст.

Андешаҳои дар ин маврид пешниҳоднамудаи доктори илмҳои физика-математика, профессор Абдулҳай Комилӣ, ки солиёни зиёд таърихи илми физикаю математикаро омӯхтаю таҳқиқ намудааст, низ ишора ба он доранд, ки ибни Ҳайсами Басрӣ тоҷик аст: «Аз оғози таъсиси Хазинат-ул-хирад (маркази бузурги илмӣ, фарҳангӣ ва таълимӣ), ки баъдан бо номи Байт-ул-ҳикма маъруф гардид, тамоми донишҳо ба ду гурӯҳ тақсим мешуданд, ки онҳоро «улуми ақлӣ» ва «улуми нақлӣ» мегуфтанд ва ҳатто «улуми ақлӣ»-ро «улуми аҷамӣ» ва «улуми нақлӣ»-ро «улуми арабӣ» меномиданд. Ба «улуми ақлӣ» физика, математика, химия, биология, тиб, ситорашиносӣ ва ғ. ва ба «улуми нақлӣ - фиқҳ, калом, сарфу нахв ва амсоли инҳо шомил мешуданд. Акнун қазоват кунед, ибни Ҳайсам ба улуми аҷамӣ машғул будааст ё арабӣ? Дигар ин, ки дар бораи шаҳрҳои Бағдоду Басра ва ҳатто худи Ироқ то ҳанӯз андешаҳое ҷой доранд, ки онҳо аз лиҳози лингвистика (забоншиносӣ) баромади эронӣ доранд».

Пас, суоле пайдо мешавад, ки бо кадом далел аврупоиҳо донишмандро араб меҳисобанд?

Таҳқиқгарони таърихи илм далел меоранд, ки он рӯзгорон забони илм арабӣ буд ва маҳз ба ин хотир донишмандони мо бо ин забон асар таълиф менамуданд. Азбаски аврупоиҳо асрҳои баъдӣ аз ин ганҷина огоҳӣ ёфта, онҳоро дастрас ва аз арабӣ ба лотинию дигар забонҳо тарҷума менамуданд, гумон мекарданд ин донишмандон ҳамагӣ арабанд. Ба ҳар сурат, мо идомаи ин баҳсро ба муҳаққиқони таърихи илм вогузор намуда, ба хонандагони рӯзнома назария, бозёфт ё ихтироъҳои илмии донишмандро, ки то имрӯз аҳамияти худро гум накардаанд, пешниҳод менамоем.

Бо бозёфти илмии ибни Ҳайсам, махсусан доир ба нур, ғарбиён тавассути китоби ҳафтҷилдаи «Китоб-ул-манозир» («Оптика»)-и донишманд ошно шуданд. Ин китоб бори нахуст соли 1572 (қариб баъд аз 500 соли марги донишманд) бо забони лотинӣ тарҷума ва миёни олимони Ғарб машҳур гашт. Китоби мазкур дар тамоми ҷаҳон аз бонуфузтарин ва муҳимтарин китобҳои соҳаи физика эътироф шудааст. Арзиши китоб дар он аст, ки бори нахуст зоҳир меёбад, ки дар олами илм тасаввурот ва бинишро дар мавриди рӯшнӣ ё нур ба куллӣ тағйир дод. То замони ӯ ду назарияи асосии биниш мавҷуд будааст. Тибқи назарияи аввал, ки аз ҷониби мутафаккироне, ба монанди Евклид ва Птолемей дастгирӣ мешуд, чашм аз худ нур бароварда, ашё ва атрофро мебинад. Назарияи дуюм он буд, ки ҷисм аз худ нур мебарорад ва дар натиҷа мо онро мебинем. Аммо ибни Ҳайсами Басрӣ дар натиҷаи омӯзиш ва гузарондани таҳқиқот дар ин самт назарияи нав пешниҳод намуд. Ӯ аввалин бор дар илм пешниҳод намуд, ки чашм аз худ нур намебарорад, балки инъикоси нуре, ки ба ҷисм меафтад, чашм онро мебинад. Умуман, маълумоте, ки доир ба нур, сохти чашм додааст, ба ақидаҳои илми муосир хеле наздиканд.

Муҳаққиқон ақидаҳои ҳаҷ доир бораи бо ду чашм дидан ва интиҳо доштани суръати рӯшнӣ ҷолиб шуморида, иттилоъ медиҳанд: «Абуалиии Басрӣ инъикос ва шикасти рӯшноиро дар муҳити гуногун тадқиқ ва ба зичии муҳит вобаста будани нишондиҳандаи онро муайян намуд. Инчунин, кӯшиш кард, ки давомоти шафақро ба ҳисоб гирифта, дар асосе он баландии атмосфераи Заминро муайян кунад».

Дар заминаи тадқиқоти оптикии ибни Ҳайсами Басрӣ ҷаҳони Ғарб, махсусан Замони эҳё, ба пешравиҳои нав ба нав сазовор гардид. Коршиносон андеша доранд, ки назария ва натиҷаи таҳқиқоти ин нобиғаи бузург дар самти оптика на танҳо боиси ба вуҷуд омадани камераи муосир, балки омили пайдоиши телескоп, микроскоп низ гардидаанд.



- Ибни Ҳайсами Басрӣ олиме буд, ки барои исботи андешаҳои илмиаш корҳои таҷрибавӣ анҷом медод. Аз ин лиҳоз, ҳамчун асосгузори илми таҷрибавии мусалмонон, саромади оптикаи физикӣ, биологӣ ва ғайра шинохта шудааст,- иброз медорад Абдулҳай Комилӣ.

Китоби дигари таълифнамудаи ӯ «Модели ҳаракат» (дар бораи сайёраҳо), ки соли 1038 навишта шудааст, барои донишмандони астрономия муҳим арзёбӣ мешавад. Ӯ дар ин асари хеш дар мавриди коинот назарияҳои комилан нави илмӣ пешниҳод менамояд, ки ин ҳама заминаи хубе барои донишмандони оянда мегардад. Аз ҷумла, ба таълимоти Юнони қадим, дар мавриди он ки Замин гӯё маркази беҳаракати коинот буда, Офтоб ва сайёраҳои дигар дар атрофи он давр мезананд, бо шубҳа менигарад ва гардиши Заминро дар атрофи меҳвари худ ё таълимоти офтобмарказиро пешбинӣ мекунад.

Бозёфти ӯ дар илми геометрия соли 1834 дар Китобхонаи миллии Париж аз ҷониби Э. А. Седилло ёфт шуданд. Як қисми дастхатҳои ӯ дар китобхонаҳои Донишгоҳи Оксфорд ва Донишгоҳи Лейден нигоҳ дошта мешаванд. Баъд аз дастрас ва тарҷумаи осори геометрии олим муайян гардид, ки робита байни алгебра ва геометрияро бори нахуст ӯ кашф кардааст.

Далелҳое низ мавҷуданд, ки ибни Ҳайсами Басрӣ рисолае низ навишта, дар он сохтори соати обиро тасвир намудааст.

Бори аввал раванди биниш ва муоинашавандаи чашмро ӯ омӯхтаю шарҳ додааст, ки ин оянда ба табибон имкон дод дар ҷарроҳии чашм муваффақ гарданд.

Албатта, Абуалӣ Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Ҳайсами Басрӣ дастовардҳои зиёди илмии дигаре низ дорад, аммо наметавон он ҳамаро дар як навишта ҷо намуд. Умед дорем, далелҳои пешниҳодшуда шавқи хонандагонро дар мавриди зиндагӣ ва кору фаъолияти ин нобиғаи меафзояд ва онҳо пайи ҷустуҷӯ ва дарёфти маълумоти бештар мегарданд.

Фарзона ФАЙЗАЛӢ,
«Садои мардум»

КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

10-уми сентябри соли 2024 музоядаи №29-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан дар истифодабудаи Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барпо менамояд

Нива Шевролетт, рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ 950 ZC 01, соли барориш ё ба истифодадиҳӣ - 2007. Нархи ибтидоӣ - 10000 сомонӣ.

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21 ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок ба тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74** ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!

ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

т/р	№ ДИО	Ташкилоти харидор	Мавзуи харид	Усули харид	Навъи харид	Миқдори номгӯй	Санаи анҷоми қабули дархостҳо
1	424447	Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №159»-и ноҳияи Шоҳмансур	Таъмири ҷории бинои Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №159»-и ноҳияи Шоҳмансур	Озмуни кушод	Кор	1	01.09.2024 09:15:00
2	424448	Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №71-и ноҳияи Шоҳмансур	Таъмири ҷории бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №71-и ноҳияи Шоҳмансур	Озмуни кушод	Кор	1	01.09.2024 09:30:00
3	424451	Муассисаи таҳсилоти ҳамагонии таҷрибавии №57-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе	Таъмири ҷории бинои муассисаи таҳсилоти ҳамагонии таҷрибавии №57-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе	Озмуни кушод	Кор	1	01.09.2024 10:00:00
4	424450	Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №48-и ноҳияи Шоҳмансур	Таъмири ҷории бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №48-и ноҳияи Шоҳмансур	Озмуни кушод	Кор	1	01.09.2024 10:20:00
5	424434	Шуъбаи сохтмони асосии ВМКБ	Таҷҳизоти офис, молҳои рӯзгор, асбобу анҷоми идора, мебел ва молҳои нарм	Озмуни кушод	Мол	47	11.09.2024 15:10:00
6	424436	Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонӣ	Мошинҳои барқии кӯчарӯбӣ, боркунаки хурд (мошинаи бисёрфункционалӣ), мошинҳои барфрӯбӣ ва қисмҳои эҳтиётии техникаи махсуси коммуналӣ	Озмуни кушод	Мол	15	11.09.2024 16:56:56
7	424437	Муассисаи давлатии «Трести чарогоҳу мелиоративӣ»-и Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон	Сохтмони пули чорвогузар дар деҳаи Ҷелондӣ, деҳоти Ванқалъа, ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон	Озмуни кушод	Кор	1	11.09.2024 17:30:00
8	424438	Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе»	Хӯрокворӣ, молҳои канселярӣ ва хоҷагидорӣ	Озмуни кушод	Мол	90	11.09.2024 17:40:00
9	424439	Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони кари ноҳияи Рӯдакӣ	Хӯрокворӣ	Озмуни кушод	Мол	55	11.09.2024 17:43:32
10	424440	Муассисаи давлатии «Боғи фарҳангу фароғати ба номи Абулқосими Фирдавсӣ»-и Мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе	Автомашинаи боркашӣ	Озмуни кушод	Мол	1	11.09.2024 17:51:49
11	424445	Раёсати молия дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе	Моноблокҳо ва принтерҳо	Озмуни кушод	Мол	2	12.09.2024 08:39:30
12	424449	Муассисаи давлатии «Маркази шаҳрии ёрии таъҷилии тиббӣ»	Таъмири ҷории бинои Муассисаи давлатии «Маркази шаҳрии ёрии таъҷилии тиббӣ»	Озмуни кушод	Кор	1	12.09.2024 09:40:00
13	424452	Маркази шаҳрии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар шаҳри Душанбе	Реагентҳои лабораторӣ, маводи доруворӣ ва масрафшавандаи тиббӣ	Озмуни кушод	Мол	46	12.09.2024 11:05:33
14	424453	Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсӣ	Битум	Озмуни кушод	Мол	1	12.09.2024 11:10:06
15	424446	Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонӣ	Намаки техникӣ барои пошидан дар роҳҳо	Озмуни кушод	Мол	1	12.09.2024 13:33:33
16	424456	Муассисаи давлатии таълимии гимназияи 1-и ноҳияи Варзоб	Таъмири ҷории дохили бинои Муассисаи давлатии таълимии гимназияи 1-и ноҳияи Варзоб	Озмуни кушод	Кор	1	12.09.2024 14:20:00
17	424435	Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон	Молҳои нарм	Озмуни кушод	Мол	6	12.09.2024 17:10:00
18	424441	Комиссариати ҳарбии вилояти Суғд	Азнавсозии боми бинои Комиссариати ҳарбии ноҳияи Б. Ғафуров	Озмуни кушод	Кор	1	13.09.2024 20:02:02
19	424442	Муассисаи таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд»-и вилояти Суғд	Маводи хоҷагидорӣ, таҷҳизоти техникӣ, лавозимоти барқӣ ва коғази офисӣ	Озмуни кушод	Мол	21	13.09.2024 20:25:25
20	424443	Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №6»-и шаҳри Хуҷанд	Хӯрокворӣ	Озмуни кушод	Мол	32	13.09.2024 20:40:00
21	424444	Мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд	Маводи канселярӣ, картриҷ ва қолин	Озмуни кушод	Мол	7	13.09.2024 20:50:00

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал мурочиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

Суроғаи: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Аттестати гумшудаи хатми таҳсилоти умумии асосӣ, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №91-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2020 ба Давлатзода Лоиқ Давлат додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Гулбутта, деҳаи Гулбутта, бинои 74, хонаи 9, ба Фақеров Абдураҳмон Алиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Гулбутта, бинои 74, хонаи 9, ба Фақеров Абдураҳмон Алиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда бо рақами инвентарии 6804, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Ҳисор 20 сентябри соли 2012 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, ҷамоати деҳоти М. Ризо, деҳаи Ноҷии поён, ба Мирзоева Оро додааст, эътибор надорад.

✓ Билети ҳарбии гумшуда таҳти силсилаи ҶТ №0000695, ки онро Комиссариати ҳарбии ноҳияи Фирдавсӣ 14 июли соли 2017 ба Нодиров Фаридун Илҳомидинович додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи Б №0480943, ки онро Кумитаи давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон 11-уми декабри соли 2007 барои истифодаи якумраи меросӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Қӯштеппа, деҳаи Чапаев, ба Ғафуров Анварҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Россия, деҳаи 1-уми май, хонаи 106, ба Садиров Фазлиддин Тешабоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Россия, деҳаи 1-уми май, хонаи 107, ба Садиров Фазлиддин Тешабоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи №620339 дар борои таҳсилоти умумии асосӣ, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №45-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 1991 ба Мухторова Шафоатхон Юсуфовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, гузаргоҳи 5-уми кӯчаи Чехов (ҳоло Нисормуҳаммад), хонаи 25, ба Қодирова Қимат додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда, дар бораи қонунигардонии молу мулк, ки онро Комиссия оид ба қонунигардонии молу мулки ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, гузаргоҳи 5-уми кӯчаи Чехов (ҳоло Нисормуҳаммад), хонаи 25, ба Қодирова Қимат додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи силсилаи ДШ № 0167626 оид ба ҳуқуқ ба меросаз рӯи қонун, ки онро Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 феврали соли 2004 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, гузаргоҳи 5-уми кӯчаи Чехов (ҳоло Нисормуҳаммад), хонаи 25, ба Қодирова Қимат додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи № 1247956, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №46-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2024 ба Носиров Раҳмоналӣ Маҳмадович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи техникии ҳавлидорӣ таҳти рақами кадастрии 07-005-000470, ки онро Корхонаи давлатии фаръии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ соли 2014 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Қиблай, деҳаи Чавалай, ба Нозимова Сокина додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатии таҳти рақами 11783, ки онро Корхонаи давлатии фаръии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ 18 январи соли 2020 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Қиблай, деҳаи Чавалай, ба Нозимова Сокина додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, гузаргоҳи чоруми кӯчаи А. Қаҳҳоров, хонаи 4, ба Холова Ҳалима додааст, эътибор надорад.

ПРИГЛАШЕНИЕ НА ВЫРАЖЕНИЕ ЗАИНТЕРЕСОВАННОСТИ

(консультационные услуги)

Название проекта: Раннее развитие детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане (ПРРД)

Задача: Оценка результатов и услуг дошкольного образования в 14 отобранных районах Таджикистана (TEACH ECE/AIM ECD)

Республика Таджикистан получило грантовое финансирование со стороны Всемирного Банка для покрытия расходов Проекта «Раннее развитие детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане» и намерена использовать часть средств на выполнение консультационных услуг.

Консультационные услуги включают в себя:

Это задание направлено на проведение комплексного институционального исследования для оценки качества существующих программ раннего образования детей в 14 районах Таджикистана, где Проект активно поддерживает раннее обучение и развитие детей. Оценка будет измерять развитие и результаты обучения детей в возрасте от 4 до 6 лет в условиях ECE в этих приоритетных районах. Для достижения целостного понимания исследование будет использовать подход смешанных методов, включающий данные из двух инструментов исследования, разработанных Всемирным банком: TEACH ECE и AIM ECD.

Исследование имеет пять основных целей:

• Анализ результатов развития ребенка;
• Оценка эффективности обслуживания;
• Определение влияния на дому;
• Информирование о действиях на национальном и местном уровнях;
• Улучшение реализации проекта

Подробное технические задания (ТЗ) для задания можно получить по ссылке ниже:

https://cloud.mail.ru/public/rrba/ZCoXGpPNH

Группе реализации проекта (ГРП) требуются услуги квалифицированной и опытной исследовательской компании для проведения исследования на институциональном уровне с целью оценки качества услуг ECCE и результатов развития детей в 14 отобранных Таджикистана.

Группа реализация Проекта (ГРП) приглашает отвечающие установленным критериям компании сообщить о своей заинтересованности в предоставлении данной услуги. Заинтересованные компании должны предоставить информацию, подтверждающую, что они обладают необходимой квалификацией и соответствующим опытом для оказания услуг:

Квалификационные требования:

Компания для этого проекта должна обладать следующей квалификацией и опытом:

a. Опыт в области дошкольного образования: подтвержденный опыт проведения исследований и оценки в секторе дошкольного образования, с особым опытом в дошкольном образовании. Региональные знания и опыт в Восточной Европе и Центральной Азии или, в частности, в Таджикистане, крайне желательны.

b. Знание методологии робастного исследования: подтвержденное мастерство в применении как качественных, так и количественных методов исследования, включая, помимо прочего, методы опроса, разработку выборки, разработку вопросника, наблюдательные оценки, обсуждения в фокус-группах и крупномасштабный анализ данных.

c. Опыт исследований на национальном уровне: успешный послужной список разработки и реализации комплексных исследований на национальном уровне на основе опросов, в идеале включающих оценку обучения, оценку программ или аналогичные исследования в секторе образования.

d. Опыт управления полевыми работами и обеспечения качества данных:

• Обширный опыт во всех аспектах проведения опросов, включая, помимо прочего, набор, обучение и контроль за полевыми переписчиками, а также обеспечение соблюдения строгих протоколов сбора данных,
• Продемонстрированная способность внедрять устойчивые меры обеспечения качества данных на протяжении всего процесса исследования, включая очистку, проверку и анализ данных.

e. Опыт эффективного управления проектами:

• Доказанная способность эффективно управлять всеми аспектами крупномасштабного исследовательского проекта, включая разработку плана работы, распределение ресурсов и соблюдение строгих сроков.
• Продемонстрированная способность быстро мобилизоваться, соблюдать сроки и активно решать проблемы для обеспечения своевременного завершения проекта.

f. Опыт анализа данных и составления отчетов:

• Отличные навыки управления данными и статистического анализа, использование соответствующего программного обеспечения и методов для анализа количественных и качественных данных.
• Отличные навыки написания отчетов, способность синтезировать результаты в понятные, краткие и содержательные отчеты, адаптированные для различных аудиторий.

Внимание заинтересованных консультантов обращается на раздел III, пункты 3.14, 3.16 и 3.17 «Правил закупок для заемщиков ФИП» Всемирного банка, июль 2016 г., пересмотренные в сентябре 2023 г. («Правила закупок»), в которых изложена политика Всемирного банка в отношении конфликта интересов.

Консультанты могут объединяться с другими фирмами для повышения своей квалификации, но должны четко указать, является ли ассоциация формой совместного предприятия и/или суб-консалтинга. В случае совместного предприятия все партнеры в совместном предприятии несут солидарную ответственность за весь контракт, если таковой будет выбран.

Консультант будет выбран в соответствии с методом Отбора на основе квалификации консультанта (ОКК), изложенным в Правилах Закупок.

Дополнительную информацию можно получить по указанному ниже адресу в рабочее время: с 09:00 до 17:00 часов (по времени Душанбе).

Выражения заинтересованности должны быть доставлены в письменной форме по указанному ниже адресу (лично, по почте или по электронной почте) до **10 сентября 2024 г., 16:00 часов:**

Министерство финансов Республики Таджикистан,
ул. Шероз 35, 7 этаж, город Душанбе
(Офис ГРП РРД МФ РТ в здании МФ).
E-Mail: **jobs.info@ecdp.tj**
Тел: (37) 221 06 91.

Садои мардум
Конституция - кафолати ризоии ҳамаи ҷаҳонро таъмин ва ҳифзкунанда
Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.
ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: *Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова.*

НИШОНИИ МО: шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.
МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ: www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

Ба чопаш 26 августи соли 2024, соати 14:00 ичозат дода шуд. Адади нашр 33085 нусха

Навбатдори шумора С. Суннатӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97